*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 135 (4718) | ДУШАНБЕ, 13 НОЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ПОДШОҲИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ



**Даҳуми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ ба Подшоҳии Арабистони Саудӣ сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазирони рушди иқтисод ва савдо, молия, муовини вазири корҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**10-уми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ вориди шаҳри Риёзи Подшоҳии Арабистони Саудӣ шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Шоҳ Холид меҳмони олиқадр, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро муовини Амири минтақаи Риёз ва дигар шахсони расмӣ гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

**Ёздаҳуми ноябри соли 2023 дар ҳошияи Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ дар шаҳри Риёз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, бо вазири сармоягузории Подшоҳии Арабистони Саудӣ Холид Ал-Фолиҳ мулоқот намуданд.**

Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба иштирок ва мусоидати доираҳои соҳибкорию сармоягузории Арабистони Саудӣ дар татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги иқтисодию иҷтимоӣ дар Тоҷикистон баррасӣ гардид.

Рушду тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷорату иқтисод яке аз самтҳои асосии тадбирҳои муштараки Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ маънидод карда шуд. Таъкид гардид, ки баъди баргузории даври сеюми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Арабистони Саудӣ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ сармоягузорӣ, техникӣ ва фарҳангӣ ва Форуми сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар шаҳри Душанбе 24-уми декабри соли 2022 таваҷҷуҳи ҷонибҳо ба рушди







ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ бештар шуд ва имзои Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Подшоҳии Арабистони Саудӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ заминаи боэътимоди меъёрию ҳуқуқӣ дар ин самт фароҳам овард.

Ҷонибҳо доир ба ҷалби сармояи Арабистони Саудӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи саноати сабук, нассоҷӣ, саноати дорусозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, маъдан, энергетика, таъсиси Фонд ё Ширкати муштараки Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ барои дастгирии лоиҳаҳои сармоягузории хурд ва миёна дар Тоҷикистон, ифтитоҳи хатсайрҳои мустақим дар масири байни шаҳрҳои Душанбе - Ҷидда ва ташкили хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ байни дигар шаҳрҳои Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ табодули афкори судманд анҷом доданд.

Омодагии Ҳукумати Тоҷикистон барои фароҳамсозии имтиёзу сабукиҳои зарурӣ ба сармоягузорони саудӣ дар заминаи қонунгузории амалкунанда таъкид карда шуд.

**11-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар шаҳри Риёз бо Раиси Фонди рушди Саудӣ Султон Абдураҳмон ал-Маршад мулоқот намуданд.**

Ҷонибҳо аз вазъи кунунии ҳамкории судманд бо Фонди рушди Саудӣ изҳори қаноатмандӣ карда, зарурати идомаи он барои маблағгузории лоиҳаҳои муҳими иқтисоди Тоҷикистон таъкид гардид.

Ҷиҳати иштироки Фонди рушди Саудӣ дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон, хусусан, Неругоҳи барқи обии «Роғун», дастгирӣ ва мусоидат ба маблағгузории сохтмони он фикру мулоҳизаҳои судманд баён карда шуд. Ҳамчунин, идомаи ҳамкории босамари Тоҷикистон ва Фонди рушди Саудӣ дар бунёди иншооти иҷтимоӣ, аз ҷумла иншооти соҳаи маориф ва тандурустӣ, дар Тоҷикистон таъкид гардид.

Ҷонибҳо барои идомаи ҳамкории босамар дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, аз ҷумла тиҷорату сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, омодагӣ ва ҳавасмандӣ зоҳир намуданд.

Изҳори итминон карда шуд, ки ҳамкории Тоҷикистон ва Фонди рушди Саудӣ минбаъд низ ба таври назаррас густариш меёбад.

**11-уми ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Риёз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Гурӯҳи Бонки исломии рушд доктор Муҳаммад Сулаймон Ал-Ҷассер мулоқот намуданд.**

Қаноатмандии ҷониби Тоҷикистон аз ҳамкории судманд бо Бонки исломии рушд таъкид гардида, саҳми бонк дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон баланд арзёбӣ карда шуд. Тавре таъкид гардид, дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон гурӯҳи Бонки исломии рушд як силсила лоиҳаҳои муҳимро татбиқ намудааст, ки маблағи умумии онҳо 726 миллион долларро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, таъкид карда шуд, ки дар Тоҷикистон 6 лоиҳаи ин бонк ба маблағи 195 миллион доллар дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, обёрии заминҳо, маориф ва тандурустӣ мавриди иҷро қарор дошта, ин бонк татбиқи боз 4 лоиҳаи сармоягузории иловагиро пешбинӣ намудааст, ки маблағи умумии ин лоиҳаҳо ба 355 миллион доллар баробар аст.

Зимни мулоқот, ҳамчунин, барои ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон, аз ҷумла сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун», таклифу пешниҳодҳои судманд баён гардида, иштироки Бонки исломии рушд дар татбиқи ин лоиҳаи бузурги гидроэнергетикӣ муҳим арзёбӣ карда шуд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба ҳамкорию сармоягузории бонкро дар соҳаҳои роҳу нақлиёт, кишоварзӣ, беҳтарсозии ҳолати мелиоративии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, иштирок дар рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон тақвияти иқтидори содиротии кишвар, таъсиси корхонаҳои нассоҷӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ҳалол, марказҳои логистикӣ, рушди савдо ва сайёҳӣ, бонкдории анъанавию исломӣ ва тақвияти иқтидори бахши хусусӣ, татбиқи лоиҳаи барномаҳои таҳсилоти касбӣ ва техникӣ дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон ва таъмини иҷрои «Стратегияи шарикии байни Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд барои солҳои 2023-2026»- ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**11-уми ноябри соли 2023 дар пойтахти Подшоҳии Арабистони Саудӣ - шаҳри Риёз Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ баргузор гардид,** ки дар кори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.

---

**www.prezident.tj**

## БА ИМЗО РАСИДАНИ ЯК ҚАТОР ҚОНУНҲО



**13-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба якчанд қонунҳо имзо гузоштанд.**

Кодекси фазои ҳавоӣ, қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои андоз, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Қонунҳои баимзорасида барои рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, бунёди ҷойҳои кории нав, танзими ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, таъмини бехатарии фазои ҳавоӣ, рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва пешрафти самтҳои дигари ҳаёти ҷомеа равона шудаанд.

Қонунҳо дар матбуот нашр карда мешаванд.

---

**www.prezident.tj**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сенздаҳуми ноябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 майи соли 1995», «Дар бораи лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026» ва «Дар бораи дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ва оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.



Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, масъала «Оид ба баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ гардида, вобаста ба он қарор қабул шуд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Вобаста ба масъала «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ «Оид ба рафти иҷрои Буҷети давлатӣ ҷиҳати татбиқи «Барномаи пешгирии фарбеҳӣ ва ташаккули ғизои солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2024» Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

---

**«Садои мардум»**

Садои мардум

13 ноябри соли 2023 № 135 (4718)

# ТОҶИКИСТОН АМАЛҲОИ ЗӮРОВАРӢ ВА ХУШУНАТРО МАҲКУМ КАРДА, АЗ ТАЪСИСИ ДАВЛАТИ ФАЛАСТИН ҶОНИБДОРӢ МЕКУНАД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ

Арабистони Саудӣ, 11-уми ноябри соли 2023

**Бисмиллоҳи раҳмони раҳим,**

**муҳтарам Раис, Волоҳазрат Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд, Валиаҳд ва Раиси Шӯрои вазирони Подшоҳии Арабистони Саудӣ!**

**Муҳтарам сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳайатҳо!**

Мо ташаббуси Ходими Ҳарамайни Шарифайн Подшоҳи Арабистони Саудӣ - Аълоҳазрат Шоҳ Салмон ибни Абдулазиз Оли Саудро ба ҳайси Раиси кунунии Саммити исломӣ оид ба даъвати ҳамоиши изтирории имрӯза ҷиҳати баррасии вазъ дар навори Ғазза саривақтӣ ва муҳим медонем. Вазъи буҳронӣ дар ин бахши Фаластин кишварҳои мо ва ҷомеаи ҷаҳониро сахт нигарон сохтааст.

Тоҷикистон мавриди ҳамла қарор додани иншооти ғайринизомии минтақаи мазкурро, ки боиси кушта шудани ҳазорон нафар аҳолии осоишта ва дар ин миён занону кӯдакон, ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди мардум ва хароб гардидани инфрасохтори ҳаётан муҳим дар он гардидааст, шадидан маҳкум мекунад. Ҳолати имрӯза бори дигар он ҳақиқатро собит месозад, ки қазияи Фаластин роҳи ҳалли низомӣ надорад.

Кишвари мо ҳанӯз аз оғози даргириҳои охир аз ҷонибҳо даъват ба амал овард, ки ба амалҳои зӯроварӣ ва хушунатомез хотима дода, барои ба эътидол овардани вазъ сари мизи музокира нишинанд. Аз нигоҳи мо, ҳалли воқеии қазияи Фаластин, таъмини сулҳи одилона, пойдор ва дарозмуддат танҳо аз роҳи иҷрои қарорҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ташкили Давлати мустақили Фаластин имконпазир мебошад.

Тоҷикистон аз таъсиси Давлати Фаластин бо пойтахти он шаҳри Байтулмуқаддаси Шарқӣ дар асоси марзҳои соли 1967 ҷонибдорӣ мекунад. Ин роҳест, ки тавассути он мардуми Фаластин метавонанд ҳаққи аслии миллии худро ҳамчун субъекти мустақили ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси усулҳои эътирофшудаи муносибатҳои байнидавлатӣ амалӣ намоянд.

**Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!**

Мову шумо медонем, ки Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 29-уми ноябри соли 1947 дар бораи дар сарзамини Фаластин таъсис додани ду давлати мустақил қатънома (№181) қабул карда буд, аммо то имрӯз орзую омоли мардуми Фаластин дар мавриди таъсис додани давлати худ амалӣ нагардидааст.

Бо дарназардошти ин ҳолат, кишварҳои мо ва ҷомеаи ҷаҳониро лозим меояд, ки ҷиҳати татбиқи қатъномаҳои дахлдори Маҷмаи умумии СММ ва Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид саъй намоянд.

Дар ин замина, таъмини ҳимояи байналмилалии мардуми Фаластин ва дастгирии талошҳо барои аз нав оғоз кардани раванди муколамаи бисёрҷонибаи сиёсӣ барои ноил шудан ба ҳалли қазия муҳим дониста мешавад. Ҳоло зиёда аз ду миллион аҳолӣ дар навори Ғазза дар шароити муҳосираи комил аз камбуди озуқаворӣ, барқ, доруворӣ ва дигар маводи ниёзи аввалӣ азият мекашанд. Онҳо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ амалҳои қатъиро интизоранд, то ба фоҷиа ва ранҷу азияташон хотима бахшида шавад. Дар ҳоле ки даргирию хунрезӣ дар ин минтақаи Ховари Миёна ба нуқтаи авҷи худ расидааст, ҳанӯз иқдомоти ҷиддию таъсирбахши ҷонибҳои дахлдор ва манфиатдор ҷиҳати ба эътидол овардани вазъият ба мушоҳида намерасад. Гузашта аз ин, ҷонибҳои алоҳида мавқеи духӯра ва хомӯширо ихтиёр карда, фалокати башариеро, ки имрӯзҳо дар навори Ғазза идома дорад, нодида мегиранд.

Созмони ҳамкории исломиро зарур аст, ки ҷиҳати хотимаи ҳар чӣ зудтари муноқишаю даргириҳо дар ин минтақа дар ҳамкорӣ бо созмонҳои дигари байналмилалӣ ва ҷонибҳои манфиатдор иқдом намояд. Дар марҳалаи кунунӣ кишварҳои аъзои СММ-ро лозим аст, ки дар асоси нақшаи мақсадноки башардӯстона ҷиҳати расонидани кумакҳои лозима ва таъхирнопазир ба мардуми Фаластин тадбирҳои амалӣ андешанд.

Буҳронҳо ва хатару таҳдидҳои ҷиддие, ки имрӯзҳо дар паҳнои ҷаҳони ислом ҷараён доранд, моро ба ваҳдату ҳамраъйӣ, муттаҳидию сарҷамъии беш аз пеш водор месозанд. Имрӯз мо шоҳиди он ҳастем, ки омилҳои мазкур суботи минтақаҳои мухталифи олами исломро ҷиддан халалдор карда, оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии манфии дарозмуддатро ба бор овардаанд. Миллионҳо нафарон баҳри дарёфти ҳаёти осоишта ва хубтар иҷборан гуреза ва муҳоҷир шудаанд.

Чунин вазъи ҳассос моро водор менамояд, ки пайгирона роҳҳои муассири таъмини рушду пешрафти иқтисодию иҷтимоии уммати мусулмонро, ки ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро дорад, пайдо намоем.

Қаблан, ман дар суханрониҳои худ аз минбарҳои мухталифи СММ борҳо зарурати таъсиси фонди махсуси сармоягузорӣ ва рушдро барои дастгирии молиявию иҷтимоии кишварҳои ҷаҳони ислом зикр карда будам.

Бори дигар таъкид карданиам, ки дар ин раванд кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳони ислом, ки имкониятҳои фарохи молиявию сармоягузорӣ доранд, метавонанд нақши муассир дошта бошанд.

Тоҷикистон, ки дар таърихи муосири худ ҷанги харобиовари таҳмилии дохилиро паси сар намудааст, ҷонибдори иқдомоти сулҳофарӣ ва ҳаллу фасли мусолиматомези ҳама гуна мушкилоту мухолифатҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ин замина, мо бори дигар аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид, даъват мекунем, ки иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи тартиботи байналмилалиро дар робита бо Фаластин таҳти назорати қатъӣ қарор диҳад.

Дар фарҷом мехоҳам изҳори умед намоям, ки натиҷаҳои ҷамъомади имрӯза ба роҳандозии раванди музокирот ва ҳаллу фасли қазияи Фаластин мусоидат хоҳад кард.

Тоҷикистон ҳамеша омода аст дар ин раванд ба андозаи имкон саҳми хешро гузорад.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

Муҳокимаи парламентӣ

# ҚАДАМИ УСТУВОР БА САМТИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

## Вакилон лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ»-ро муҳокима карданд



**10 - уми ноябри соли 2023 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода оид ба натиҷаҳои татбиқи лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» муҳокимаи парламентӣ баргузор шуд.**

Рустам Латифзода зимни суханронӣ изҳор дошт, ки шурӯъ аз солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути ҷорӣ гардидани имтиёзҳои андозию гумрукӣ, қабул ва амалӣ намудани барномаҳои алоҳидаи соҳавӣ, ҳамкориҳои судманд бо шарикони рушд, тасдиқи созишномаҳо оид ба ҷалби сармоя, қарзҳо ва грантҳо барои рушди бемайлони соҳаи кишоварзии мамлакат заминаи мусоид фароҳам шуд.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Зулфиқор Гулаҳмадзода аз шуғли асосии сокинони мамлакат будани соҳаи кишоварзӣ ёдовар шуда, зикр кард, ки ба шарофати таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти давлатӣ соҳаи мазкур ба тамоюли рушд соҳиб гардидааст.

- Ба хотири пешрафти соҳаи кишоварзӣ ҳамасола барномаҳои мушаххаси рушди соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ тарҳрезӣ гардида, татбиқ мешаванд. Яке аз онҳо «Созишномаи грантӣ оид ба маблағгузорӣ барои лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии «рушд» мебошад, ки 21 - уми июни соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст. Созишномаи мазкур ба маблағи 108 млн. доллари ИМА ба имзо расидааст, - изҳор дошт номбурда.

Аз оғози татбиқи лоиҳа зиёда аз ду сол сипарӣ гаштааст, аммо дар иҷрои он камбудиҳо ҷой доранд. Пеш аз ҳама, аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои зертобеи Вазорати кишоварзӣ омода нашудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иҷрои қисмати якуми лоиҳа таъсири манфӣ расонидааст. Дигар камбудиҳо низ ҷой доранд, ки Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» - татбиқкунандаи лоиҳа онҳоро ба назар гирифта, барои таъмини иҷрои босифат тадбирҳои заруриро меандешад.

Муовини директори Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» - ҳамоҳангсози лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» Боймурод Қурбонов доир ба раванди татбиқи лоиҳа маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, ҳадафи лоиҳа таҳкими заминаҳои устувори бахши кишоварзӣ буда, аз ҳисоби гранти Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (Бонки ҷаҳонӣ) амалӣ мешавад. Он аз ду марҳилаи маблағгузорӣ иборат буда, дар маҷмӯъ 108 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Бино ба гуфти ӯ, баҳрагирандагони асосии лоиҳа хоҷагиҳои тухмипарварӣ ва ниҳолпарварӣ, хоҷагиҳои деҳқонии хурду калон, хоҷагиҳои хурди осебпазир, ки аз як то 5 га қитъаи замини кишт доранд, корхонаҳои агробизнес ва содиркунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ходимони муассисаҳои давлатӣ аз пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотии тобеи Вазорати кишоварзӣ, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд.

Муҳлати татбиқи лоиҳа аз 18-уми ноябри соли 2021 то 30-юми июни соли 2027 муайян шудааст.

Сипас, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳо аз масъулин посух гирифта, ҳамчунин, пешниҳоду тавсияҳо манзур намуданд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода бо натиҷагирӣ аз раванди муҳокима изҳор дошт, ки таҳлили иҷрои татбиқи лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» нишон медиҳад, ки корҳои муайян амалӣ шуда истодаанд.

- Ҳамзамон, таҳлили самтҳои гуногуни барнома нишон медиҳад, ки барои иҷрои сифатноки он мушкилиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла бештар таъмин намудани тухмии хушсифат, ниҳолҳои интенсивӣ ва масолеҳи кишт, инчунин гузаронидани таҳлили хок, мубориза бар зидди малах ва истифодаи иттилооти агрометеорологӣ бояд ҳаллу фасл карда шаванд.

Масъулин вазифадоранд, ки иҷрои саривақтии аз худ кардани грантро дар муҳлати муқарраргардида таъмин намуда, ҳангоми хариди мол, кор ва хизматрасониҳо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» бояд мадди назарашон бошад.

Умед дорем, ки тавсияҳои муҳокимаи парламентӣ барои бартараф кардани камбудиҳо ҷойдошта дар пешбурди соҳаи кишоварзӣ мусоидат хоҳанд кард, - таъкид кард Рустам Латифзода.

Дар охир, бо назардошти таклифу дархост ва пешниҳодҳои иброзгардида қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул шуданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**



# ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**10-уми ноябри соли 2023 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода ва раиси Кумитаи Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия оид ба корҳои ИДМ, ҳамгироии АвруОсиё ва робита бо ҳамватанон Леонид Калашников ҷаласаи васеи якҷоя бо иштироки вакилони кумитаҳои зикршуда баргузор гардид.**

Дар рӯзномаи ҷаласа «Баррасии масъалаҳои рушди минбаъда ва амиқсозии ҳамкориҳои байнипарлумонии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия», «Дар бораи ҳолат, дурнамо ва таъмини қонунгузории ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия», «Дар бораи фаъол намудани фаъолияти пурсамари гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистону Россия, аз ҷумла Комиссияи байнипарлумонӣ оид ба ҳамкорӣ байни Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дурнамои рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ, масъалаҳои сиёсати ҷавонон, муҳоҷирати меҳнатӣ ва табодули таҷриба дар чаҳорчӯбаи ҷанбаи парлумонӣ» ва «Мубодилаи афкор оид ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар доираи созмонҳои байналмилалии парлумонӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Таъкид шуд, ки мулоқоти имрӯза як рӯйдоди таърихӣ, далели рушди босуръати муносибатҳои Тоҷикистону Россия ва таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ буда, бо сатҳи баланди эътимоди мутақобила ва дӯстии самимӣ фарқ мекунанд.

Ҳамчунин, таъкид шуд, ки бо назардошти аҳамияти таҳкими робитаҳои дуҷониба ва муайян кардани самтҳои нави ояндадори ҳамкорӣ бо Федератсияи Россия, ки шарики стратегии мост, парлумони кишвар, бахусус Маҷлиси намояндагон, минбаъд низ ҷиҳати таҳкими заминаи ҳуқуқӣ тадбирҳои мушаххасу пайваста меандешад.

Мо, инчунин, метавонем корро дар самти ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ, бахусус дар заминаи равандҳои ҳамгироӣ, идома диҳем ва мувофиқан имкони ҳамкориҳоро дар чаҳорчӯбаи Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ барои такмили қонунгузории намунавӣ пурратар истифода кунем.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

# ДУРУСТИИ ВОСИТАИ ЧЕНАК ВА РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТ

## Мусоҳиба бо директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳобзода



- **Таҳия, қабул ва ҷонибдории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» ба кадом омилҳо вобаста аст?**

- Пеш аз ҳама, бояд ёдовар шавам, ки санади меъёрии ҳуқуқии мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим, Неъматулло Холбойзода, Абдуҳалим Ғафforзода, Комрон Исмоилиён ва Баҳриддин Зиёӣ бо мақсади такмили қонунгузории соҳаи метрология, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ таҳия гардидааст.

Вобаста ба саволи пешниҳодшуда бояд гӯям, ки таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» аз 15 - уми майи соли 1997 нишон дод, ки гарчанде ба он се маротиба тағйиру иловаҳо ворид шуда бошанд ҳам, аммо муқаррароти он на ҳама паҳлуҳои танзими соҳаро дар бар гирифтааст. Аз ин рӯ, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва давлатҳое, ки дар соҳаи метрология ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштаанд, чунин иқдом гирифта шуд.

- **Дар қиёс ба қонуни қаблӣ кадом навгониҳоро метавон номбар кард?**

- Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолиятро дар соҳаи таъмини ченаки ягона бо мақсади қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ва иқтисодиёти мамлакат ба натиҷаҳои воқеӣ, боэътимод ва муқоисашавандаи ченак, ҳифзи саломатии аҳолӣ, муҳити зист, таъмини иқтидори мудофиавӣ ва амният муайян менамояд.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба он зоҳир гардид, ки дар қонун муқаррароти стандартҳои байналмилалӣ мадди назар бошад. Қобили зикр аст, ки дар қонун таҷрибаи нав дар соҳаи метрология - андозагирии воситаи ченак, аттестатсияи воситаҳои ченкунӣ ва санҷиш, пайвастшавии метрологӣ, намунаҳои стандартии хосияти мавод меҳвар аст, зеро омилҳои асосии эътирофи байналмилалии соҳа маҳз онҳо мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар бисёр кишварҳо низоми пешрафтаи ченак яке аз василаҳои таҳрикбахши соҳаи саноат ба ҳисоб рафта, дар рушди истеҳсолот дурустии воситаи ченак мавқеи асосӣ дорад.

- **Дар бораи воситаҳои ченак маълумоти пешниҳодмегардида аксар ҳолат моҳияти маҷмӯӣ дорад. Агар мушаххас шарҳ диҳем, воситаҳои ченак ва ченаки ягона, яъне - чӣ?**

- Воситаҳои ченак - воситаҳои техникие, ки барои ченкунӣ пешбинӣ гардида, дорои тавсифҳои муқарраргардидаи метрологӣ мебошанд. Бояд мадди назар дошт, ки воситаҳои ченак барои муайян намудани бузургие истифода мешаванд, ки ба татбиқи воҳидҳояшон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тартиби муқарраргардида иҷозат дода шудааст ва бояд ба шароити истифода ва талаботи муқарраргардида мувофиқ бошанд. Дар ин қонун ченаки ягона - ҳолати ченаке, ки натиҷаи он дар воҳидҳои эътирофгардидаи бузургӣ ифода ёфта, нишондиҳандаҳои дақиқи ченак аз доираи меъёрҳои муайянгардида берун намеоянд, тафсир шудааст.

- **Меъёрҳои мансуб донистани воситаҳои техникӣ, дастгоҳҳо ва мавод ба воситаҳои ченак кадомҳоанд?**

- Меъёрҳои мавриди назари шумо аз мавҷудияти хосиятҳои ба меъёр даровардашудаи метрологӣ ва тавсифҳои техникие, ки дар муҳлати муайян бетағйир дониста мешавад, қобилияти таъмини натиҷаҳои ченкунӣ дар воҳидҳои қонунигардонидашуда бо дақиқияти муқарраргардида, инчунин, саҳеҳии натиҷаҳои санҷиш ва фаъолият аз рӯи принсипҳои механикӣ, барқӣ, оптикӣ, физикӣ-химиявӣ ва электронӣ таркиб ёфтаанд. Чунин воситаҳо дар ҳолати доштани рисолати индикаторӣ, баҳодиҳии пешакӣ, ки натиҷаи он ченкунӣ ба ҳисоб намеравад, интиқоли маълумот дар бораи натиҷаи ченкунӣ воситаҳои ченак ё воситаҳои санҷиш эътироф намешаванд.

- **Тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дилхоҳ мафҳум ба принсипҳо асос меёбад. Вобаста ба масъалаи мавриди назар кадом принсипҳо афзалият доранд?**

- Истифодаи воситаҳои ченаки барасмиятдаровардашуда таҷдиди воситаҳои ченак бо ёрии маҳак (эталон) - ҳои давлатӣ, афзалияти истифодаи воҳидҳои ченкунии низоми байналмилалӣ, риояи ҳатмии фосилаи байнисанҷишии воситаҳои ченак, таъмини дақиқияти ченкунӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

Истифодаи натиҷаҳои ченкунӣ дар асоси арзёбии иштибоҳ бо эҳтимолияти додашуда, назорати риояи қоидаву меъёрҳои метрологӣ, ошкоро ва дастрас будани маълумот дар соҳаи таъмини ченаки ягона, ба истисноi маълумоти дастрасиашон маҳдуд, идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб меравад.

- **Усулҳои иҷрои ченкунӣ мафҳуме мебошад, ки дар моддаи 13 - уми қонун муқаррар гардидааст. Манзур чӣ аст?**

- Пеш аз ҳама, мебояд ин мафҳумро мухтасар шарҳ диҳем. Усулҳои иҷрои ченкунӣ маҷмӯи амалиёт ва қоидаҳоеанд, ки иҷрои ченкунӣ ва ба даст овардани натиҷаи онҳоро бо нишондодҳои муқарраргардидаи дақиқӣ таъмин менамоянд. Муқаррароти мазкур ба он хотир пешбинӣ шудааст, ки ченкунӣ бояд тибқи усулҳое, ки бо тартиби муқарраргардида аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ тавсия шудаанд, анҷом дода шавад.

Илова бар ин, усулҳои иҷрои ченкунӣ бояд баҳодиҳии нишондиҳандаҳои дақиқияти натиҷаҳои ченкуниро дар бар гирифта, саҳеҳии муқарраршударо дар шароити воқеии гузарондани ченкунӣ таъмин намоянд.

- **Аз мазмуну моҳияти қонуни мазкур метавон хулоса баровард, ки доираи фарогирии назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ хеле васеъ аст...**

- Дуруст гуфтед. Масъалаи мазкурро моддаи 15-уми қонун танзим карда, дар навбати аввал ин намуди назорат ба соҳаҳои тандурустӣ, байторӣ, ҳифзи муҳити зист, амалиёти тиҷоратӣ, баҳисобгирии арзишҳои моддӣ ва захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, баҳисобгирии давлатӣ, мудофиаи давлат, бехатарии саноатӣ, ядроӣ, радиатсионӣ, меҳнат ва ҳаракати нақлиёт рабт дорад.

Иҷрои корҳои геодезӣ, картографӣ ва гидрометеорологӣ, амалиёти андозӣ, гумрукӣ, бонкӣ, почта ва телекоммуникатсионӣ, ҳифзи аҳолӣ ва маҳалҳои аҳолинишин аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, таъмини бехатарии оташнишонӣ, санҷиш ва назорати сифати маҳсулот бо мақсади муайян кардани мутобиқати он ба регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ, муайян кардани бехатарӣ ва сифати маҳсулоти сертификатсияшуда ҷузъи ин раванд ба ҳисоб меравaнд.

Далели дигари бениҳоят густурда будани доираи фарогирии ин намуди фаъолият дар он зоҳир мегардад, ки он зимни гузаронидани санҷишҳои давлатӣ, санҷишҳои эътимоднокӣ, андозагирӣ, таъмир ва аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак, истихроҷи маъданҳои фоиданок, амалиёт бо арзишҳои фонди давлатии металлҳо ва сангҳои қиматбаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бақайдгирии рекордҳои варзишии миллӣ ва байналмилалӣ ва корҳое, ки бо супориши мақомоти судӣ, прокуратура ва мақомоти дигари давлатӣ ҳатмӣ аст.

Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои дигари фаъолият низ таҳти назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ қарор гирифта метавонанд.

- **Фаъолияти метрологӣ ва назорати метрологӣ ҷавҳару меҳвари ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравaнд. Моҳияти онҳо дар чӣ зоҳир мегардад?**

- Фаъолияти метрологӣ ба таъмини ченаки ягона, тарзу воситаҳои ченкунӣ, инчунин, роҳҳои ноил шудан ба дақиқияти зарурӣ алоқаманд мебошад. Вобаста ба назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ: ин амалҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ бо мақсади санҷиши риояи талаботи қонунгузорӣ оид ба таъмини ченаки ягона анҷом медиҳад.

Назорати метрологӣ санҷиш бо мақсади тасдиқи навъи воситаҳои ченак, андозагирии воситаҳои ченак, аз ҷумла маҳак (эталон) - ҳо, аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак ва усулҳои иҷрои ченкунӣ ва аттестатсияи воситаҳои санҷишро дар бар мегирад.

Назорати давлатии метрологӣ бошад, барои истеҳсол, таъмир, ба киро додан, фурӯш, истифодаи воситаҳои ченак, риояи қоида ва меъёрҳои муқарраргардидаи метрологӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ шудани намудҳои дигари назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ низ имконпазир аст.

- **Вобаста ба ин масъала дар нимсолаи якуми соли 2023 чӣ тадбир андешида шуд?**

- Дар озмоишгоҳҳои санҷиш ва андозагирии воситаҳои ченаки агентӣ 177405 воситаҳои ченак аз санҷиши эътимоднокӣ гузаштаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12886 адад зиёд мебошад. Аз ин шумора 123427 ададро воситаҳои ченаке ташкил медиҳанд, ки ҳангоми баҳисобгирии захираҳои сӯзишворию энергетикӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла, дар давраи мавриди назар 2245 сутунчаи тақсимоти сӯзишвории нефтӣ, 1100 сутунчаҳои гази моеъ, 106 автосистерна ва 52 махзани нигоҳдории сӯзишвории нефтӣ (резервуарҳо) аз санҷиши мутобиқат ва андозагирӣ гузаронида шуданд. Ҳамчунин, аз тарафи мутахассисони агентӣ 29977 ҳисобкунаки обӣ тахти санҷиш қарор гирифт.

Дар ин давра, баъд аз гузаронидани озмоиш ва таҳлили метрологии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ 61 навъи воситаи ченаки истеҳсоли мамлакатҳои хориҷи дур ва ИДМ тасдиқ гардида, ба феҳристи давлатии воситаҳои ченаки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд. Дар доираи лоиҳаи «Мустаҳкам намудани инфрасохтори сифат дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ» ва дар асоси Созишномаи ҳамкориҳои техникӣ байни «Тоҷикстандарт» ва Пажӯҳишгоҳи физикию техникии Олмон омодагиҳо ба аккредитатсияи ду озмоишгоҳи метрологӣ дар сатҳи байналмилалӣ бомаром идома дорад.

- **Дар баъзе мавридҳо шаҳрвандон аз нишондоди ҳисобкунакҳои барқӣ нигаронанд...**

- Дар якҷоягӣ бо ҶСК «Барқи Тоҷик» нақша-ҷадвали санҷиши давлатии ҳисобкунакҳои барқӣ барои соли 2023 таҳия, тасдиқ ва мувофиқа гардида, фаъолияти озмоишгоҳҳои санҷишӣ пурра дар асоси нақшаи мазкур ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа, нимсолаи якуми соли 2023 ба ҷои 72774 ҳисобкунаки барқии банақшагирифташуда 89947 адад аз санҷиш гузаронида шуд, ки 123 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Бо мақсади дастгирии «Корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ» тасмим гирифта шуд, ки аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ истеҳсоли ҳисобкунакҳои барқӣ ба роҳ монда шавад. Ба ғайр аз ин, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникии ҳисобкунакҳои энергияи барқии электронии якфазагӣ ва сефазагии навъи IMOD (шартҳои техникӣ, тасвири навъ, тарзи санҷиш, барномаи санҷиш, шиносномa ва ғайра)-ро таҳия ва ба қайд гирифтанд.

Ҳамзамон, тибқи тартиби муқарраргардида, намунаи ҳисобкунакҳои барқии истеҳсолшаванда баъд аз гузаронидани таҳлилҳои метрологии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ ва ташхис, тибқи талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» ва ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқии ПР 50.2-009 «Тартиби гузаронидани санҷиш ва тасдиқи навъи воситаҳои ченкунӣ» навъи онҳо тасдиқ ва дар феҳристи давлатии воситаҳои ченаки Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис гардид.

- **Доир ба фарогирии ин намуди фаъолият аз қаробати он ба соҳаи тандурустӣ ёдовар шудед...**

- Соҳаи мазкур аз ҳама лиҳоз афзалиятнок ба ҳисоб рафта, нимсолаи якуми соли 2023 дар озмоишгоҳҳои метрологии агентӣ 13986 воситаи ченаки муқарраротошон тиббӣ, аз қабили 3213 ҳароратсанҷ, 3249 фишорченкунаки тиббӣ, 325 ареометр, 347 тарозуи лабораторӣ, 1398 тарозуи тиббӣ, 483 дозатори тиббӣ, 56 фотоколориметр, 39 рефрактометр, 1605 мановакуумметру фишорченкунакҳои оксигенӣ ва ғайра тахти санҷиш ва андозагирӣ қарор гирифтанд.

**Мусоҳиб Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Ҳушдор

**Инфрасохтори соҳаи фарҳанг дар ноҳияҳои кишвар ҳоли табоҳ дорад. Бо ин сабаб баъзе муассисаҳои соҳа рисолати худро, тавре ки мебояд, анҷом дода наметавонанд. Ҳатто метавон гуфт, қисме аз ин муассисаҳо танҳо ба ном вуҷуд доранд. Ба ин гуфтаҳо муассисаҳои клубӣ, ки солҳои қабл наздашон китобхона, чойхона, маҳфилҳои рассомӣ, толори намоиши кино ва консерт доштанд ва бо роҳандозии чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ зуд-зуд мардуми маҳаллиро ба ҳам меоварданд, далел буда метавонанд. Ин муассисаҳо, ки замоне бо роҳандозии маҳфилҳои гуногун ҳамсони мактаб дар ташаккули маърифати наврасони маҳал саҳм мегузоштанд, солҳост дари худро ба рӯйи онҳо боз намесозанд.**

**Тибқи маълумоти дастрас, айни замон дар саросари мамлакат 400 муассисаи клубӣ мавҷуд аст, дар ҳоле ки то соли 2000-ум ин шумора ба 1062 мерасид. Рақамҳо собит менамоянд, ки дар зарфи 23 сол беш аз 600 клуб, ки ба ғайр аз бинои асосӣ ҳар кадом дар назди худ қитъаи замин ҳам доштанд, комилан аз байн рафтанд.**

# ВАҚТЕ ДАРИ ЯГОНА МУАССИСАИ ФАРҲАНГӢ ДАР ДЕҲОТ СОЛҲО БАСТА АСТ...

## *Боз дар бораи клубҳои деҳот*

### «БАРРАИ ДУМОМАРО ГУРГ МЕХӮРАД»

Тамоми клубҳо мероси замони шӯравӣ мебошанд. Омӯзиш нишон дод, ки дар натиҷаи кашмакашии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар фаъолияти ин муассисаҳо заъф пайдо гашт, аммо фаъолияташон барҳам нахӯрд. Санади расмие, ки барҳам хӯрдани клубҳоро тасдиқ намояд, низ вуҷуд надорад ва ин муассисаҳо ҳоло ҳам ба рӯйхати муассисаҳои соҳаи фарҳанг шомил буда, моликияти давлат маҳсуб меёбанд. Танҳо бо дигар шудани вазъи сиёсӣ, соли 1994 клубҳо (ва тамоми шикастурехти онҳо) ба ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо (қаблан ин вазифа ба дӯши колхозу совхозҳо буд) вогузор шуд, аммо назорати фаъолияти муассисаҳо ба зиммаи Вазорати фарҳанг мебошад. Яъне, дар маҷмӯъ, назорат, ҳифз ва фаъолияти клубҳоро ҳам мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба зимма дорад, ҳам Вазорати фарҳанг.

Акнун муассисаҳо «барраи думома»-ро мемонанд. Миёни халқ мақоле роиҷ аст, ки «барраи думомаро гург мехӯрад». Хонандаи закӣ низ ин ҳақиқатро аз матлаби зер дарк хоҳад кард.

Дар замони соҳибистиқлолӣ низомномаи ин муассисаҳо, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳоро танзим менамояд, таҷдид ва ба замони нав мутобиқ гардид. Тибқи низомномаи нав, мақсади муассисаҳои клубӣ, аз ҷумла қонеъ гардонидани ниёзҳои фарҳангию фароғатии шаҳрвандон, инъикоси истеъдод, ҳифзу тарғиби мероси фарҳангию маънавӣ, таъмини пешрафти фарҳанги сокинони Тоҷикистон, инчунин, ба ҷаҳониён шиносонидани фарҳанги гузаштаю имрӯзаи тоҷикон ва пайвастани он ба фарҳанги башарӣ мебошад. Яъне, замони соҳибистиқлолӣ ба дӯши муассисаҳои мазкур вазифаи нав, ҳатто метавон гуфт муҳимтарин, вогузор шуд.

### АММО...

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо сари калоба гум карда, истифодаи дурусти клубҳоро сарфаҳм нарафтанд. Агарчи аз соли 1994 то имрӯз роҳбарон оғоз аз раисони маҳаллаю ҷамоат то раисони ноҳияю вилоятҳо, ки чашму гӯши Ҳукумат миёни халқ мебошанд ва моликияти давлатро мебояд аз нестшавӣ нигоҳ дошта, сиёсати созандаи Роҳбари давлатро дар ноҳияҳо пиёда созанд, борҳо иваз шуданд, вазъи муассисаҳо сол аз сол баъдтар шуду беҳтар не. Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба хотири рушди ин муассисаҳо на танҳо кори чашмрасе анҷом надоданд, балки ба ин амонати давлат хиёнат ҳам карданд. Солиёни зиёд барои таъмир ва дигар шикасту рехти клубҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо маблағ (вазъият имрӯз ҳам чунин аст) ҷудо намешуд. Агар шавад ҳам, он танҳо барои сафед кардани бино кифоя мекунаду халос. Аз суҳбате, ки бо мутахассисони бахши фарҳанги вилоятҳо доштем, маълум шуд ҳамин омил - нокифоя будани маблағ боиси хароб ва ҳатто то ба ҳолати садамавӣ расидани муассисаҳо гардидааст.

Воқеан, чунин муносибати ношоистаро ба муассисаҳои мазкур танҳо хиёнат метавон ном бурд, хиёнат ба моликияти давлат, ба соҳаи фарҳанг ва мардуми музофот, ки солҳо аз хизматрасонии ин муассисаҳо бебаҳра мондаанд. Ҳақиқат ин аст, ки масъулони сиёсати фарҳангии кишвар солҳо ин ҳама зарарҳои моддиву маънавиро нодида гирифтанд. Ҳамин тавр, шумораи клубҳо сол аз сол кам шуд. Суоле ба зеҳн меояд:



Дар акс: Хонаи фарҳанги Ҷамоати деҳоти «Тугарак»-и ноҳияи Восеъ

### КЛУБҲО КУҶО ШУДАНД?

Фарзия буд, ки бинои клубҳо фурӯхта шудаанд, аммо ин фарзияро вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода дар нишасти матбуотӣ, ки 26-уми июли соли равон доир шуд, рад намуд. Аз ҷумла гуфт: «Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» фурӯхтани муассисаҳои характери иҷтимоидошта, аз ҷумла муассисаҳои фарҳангӣ, манъ аст, аммо дар сурати зарурат мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ масъаларо бояд бо Вазорати фарҳанг, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа намояд. Вазорат танҳо дар ҳолате ба фурӯши муассисаҳо иҷозат медиҳад, ки ҷои он муассисаи нави фарҳангӣ бунёд шавад». Зулфия Давлатзода иброз намуд, ки тӯли фаъолияти роҳбарии ӯ касе ба Вазорати фарҳанг барои фурӯхтани бинои клуб муроҷиат накардааст. Таҳқиқи мавзӯъ нишон дод, ки солҳои пештар низ дар ин хусус ба вазорат муроҷиат нашудааст. Ин далел моро муътақид месозад, ки тақдири клубҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳаллу фасл шуда, ҳарчанд масъулин - намояндагони соҳаи фарҳанг дар ноҳия ва шаҳру вилоятҳо ба ин пурсиши мо ҳамагӣ посухи монанд доданд: клубҳо бо сабабҳои гуногун аз байн рафтаанд.

Чӣ омилҳо муҷиби аз байн рафтани муассисаҳои фарҳангӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, на танҳо харидуфурӯш, балки ба ихтиёри касе гузоштану ғайримақсад истифода намудани онҳоро манъ менамояд, гардидааст? Чаро то имрӯз касе муҷиби ин амали ғайриқонунӣ нашудааст. Воқеан ҳам, Вазорати фарҳанги кишвар якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба ин пурсиш посухе мегуфта бошанд?

### МУАССИСАҲОИ БОҚИМОНДАРО ЧӢ МУШКИЛ ДОМАНГИР АСТ?

Тавре аз суҳбат бо сардори Раёсати муассисаҳои фарҳангӣ - фароғатии Вазорати фарҳанг Озар Орифӣ маълум шуд, ҳоло клубҳои боқимонда ҳамагӣ бо як ё ду воҳиди корӣ фаъолият доранд.

- Омӯзиш ва таҳлилҳои мо нишон медиҳанд, ки вазъи клубҳои боқимонда ҳам нигаронкунандаанд. Ин муассисаҳо аз ҷониби бахшҳои фарҳангии ноҳияҳо назорати ҷиддӣ надоранд. Вазъи муассисаҳо ҳоло барои гузаронидани чорабинӣ мусоид нест, на суратҳисоб доранд ва на корманд. Таъсиррасониро ба мафкураи мардум кайҳо аз даст додаанд. Албатта, дар чанд соли охир сохтмони қасрҳои фарҳанг бо тарҳи наву зебои замонавӣ анҷом мепазиранд, ки ин кори хубест, аммо онҳо бештар дар маркази ноҳияҳо сохта мешаванд на дар ҷамоатҳо,- гуфт директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулфаттоҳ Аминов.

Албатта, солҳои охир барои беҳтар намудани вазъи ин муассисаҳо, аз ҷумла дар вилояти Хатлон, баъзе корҳои созанда анҷом пазируфтаанд. Чунончи, клуби деҳот дар ноҳияи Ҷайҳун ба маблағи 17 ҳазор сомонӣ (пурра набошад ҳам) таъмир гардид. Клуби дигар дар ноҳияи Панҷ бо масрафи 200 ҳазор сомонӣ таъмир шуд. Дар деҳаи Оқбулоқи ноҳияи Балҷувон барқарорсозию сохтмони клуби дигаре идома дорад, аммо дар ин самт ҳанӯз корҳои зиёде анҷом бояд бипазиранд, зеро ҳоло аз 162 клуби вилоят 9 - тои он дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, қисми дигар ба таъмири ҷиддӣ ниёз доранд. Масалан, клуби деҳоти «Чубек» дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бинобар надоштани шароити мусоид, имкони ба ҳам овардани мардуми деҳотро надорад ва ҳоло беш аз 20 ҳазор нафар аҳолии деҳот аз хизматрасонии ин муассисаи фарҳангӣ - фароғатӣ бебаҳра мебошанд.

Вазъи 11 клуби шаҳри Ҳисор низ хуб набуда, аз 15 бинои клуби ноҳияи Рӯдакӣ то имрӯз якто ҳам боқӣ намондааст. Вазъияти клубҳо дар вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ин беҳ нест.

### ЧӢ БОЯД КАРД?

Абдулфаттоҳ Аминов афзуд: «Чанде пеш дар ҷаласаи назди вазири фарҳанг фаъолияти клубҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт. Интизор меравад оянда фаъолияти ин муассисаҳо беҳтар гардад».

Мо низ ба ин умед мебандем, зеро муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла клубҳои деҳот, тарбиятгари рӯҳи инсон бояд бошанд, аммо мо бо фалаҷ сохтани онҳо ба мафкура, завқ ва маънавиёти мардуми деҳот осеб расондем, ки инро метавон садама шуморид. Садамае, ки пайомади ногувор хоҳад дошт. Чунин паёмадҳои манфиро аллакай солҳои охир дидем. Дидем, ки баъзе аз ҷавонони мо – хусусан аз деҳоти дурдаст, ба гурӯҳҳои ифротӣ пайваста, рӯзгори хешро тира намуданд. Танҳо ҳамин далел кофист то хулоса намоем, ки ҷои ин муассисаҳо дар деҳот холист ва на телевизиону радио ва на интернет то имрӯз ин холигиро пур наменамоянд.

Ба ин хотир, клубҳои боқимондаро наҷот бояд дод. Вазорати маориф ва илм соли равон дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои қудратии ҷумҳурӣ заминҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва боғчаҳоро, ки аз ҷониби шаҳрвандони алоҳида ғайриқонунӣ тасарруф шуда буданд, бозпас гирифт. Ба назар чунин мерасад, ки Вазорати фарҳанг дар ин самт «пинак» вайрон карданӣ нест, ҳарчанд кайҳо замонаш расида. Воқеан, бинои муассисаҳои фарҳангӣ, хоса клубҳои деҳотро, бозпас бояд гирифт. Зарур аст дар деҳот биноҳои наву зебо, ки таваҷҷуҳи ҳар сокини деҳаро ҷалб карда тавонанд, бунёд ёбанд. Дар наздашон китобхона бошаду курсҳои рассомию забономӯзию ҳунаромӯзӣ. Дар клубҳо маҳфилҳои гуногуни фарҳангӣ доир гардад.

Набояд фаромӯш кард: вақте дари ягона муассисаҳои фарҳангӣ дар деҳот солҳо баста аст, пас ин фазо ҳанӯз барои қисми бештари мардуми кишвар холист ва он ба чизҳои нолозиме пур хоҳад шуд, ки ба сириштмояи миллат ҳатман таъсири манфӣ хоҳад дошт.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# «МАНФИАТҲОИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ»

**Бо чунин ном 10-уми ноябри соли равон дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқболи Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронс баргузор гардид.**

Дар он намояндагони вазорату муассисаҳои дахлдори давлатӣ, олимону коршиносони варзида ва рӯзноманигорон ширкат намуданд. Муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Парвиз Муҳаммадзода масъалаи ба баррасӣ пешниҳодшударо шарҳ дода, аз ҷумла гуфт: «Дарки манфиатҳои миллӣ, як тарафи масъала ва бо назардошти таҳаввулоти бавуҷудомада бо таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, таъмини онҳо дар марҳалаи нави рушди давлатдории миллӣ, ҷониби дигари масъала мебошад. Равандҳое, ки дар заминаи ҷаҳонишавӣ ба амал меоянд, дар баробари мусоидат ба муносибатҳои халқу кишварҳо ва ташаккули низоми фарогири робитаҳои сиёсию иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ, ҳамзамон, пайомадҳои номатлуб, аз қабили амиқтар шудани фарқи байни кишварҳои пешрафта ва ақибмонда, шиддат гирифтани фишор, арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ халқҳо ва ғайраҳоро дар пай дорад».

Сипас, номзади илмҳои сиёсӣ Хуҷамурод Сафарализода дар мавзӯи «Ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», муовини сардори Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майор Шараф Эгамзод дар мавзӯи «Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мудофиаи миллӣ: вазъ ва дурнамо», намояндаи КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Назаров дар мавзӯи «Таҳдиду хатарҳои воқеӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидаҳтам Талбаков дар мавзӯи «Омилҳои монеаафкан дар самти татбиқ гардидани манфиатҳои миллӣ» маърӯза намуданд.

**К. БУРҲОНИДДИН, «Садои мардум»**

# ТАҶРИБАИ СИНГАПУР ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ

**Яке аз мушкилиҳои ҷаҳони муосир зуҳуроти коррупсия ба ҳисоб рафта, ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ба масъалаи глобалӣ табдил ёфтаанд, зеро кишваре аз ин зуҳурот эмин нест ва коррупсия дар ҳар гуна сохти давлатдорӣ метавонад барои амалишавии барномаҳои муҳими давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт монеаҳо ба вуҷуд оварда, рушди давлат ва ҷомеаро боздорад.**

Аз ин ҷост, ки ҳанӯз 31-уми октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия қабул гардида, 25-уми сентябри соли 2006 Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он имзо гузошт ва ба узвияти Конвенсияи СММ пазируфта шуд. Яъне, метавон ифтихор намуд, ки кишвари мо дар ин самт нисбат ба кишварҳои ҳамсоя хеле пешсаф аст. Бо ташаббус ва дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тақвияти тадбирҳои зиддикоррупсионӣ ва густариши онҳо пас аз ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ зидди коррупсия дар мамлакат чанд қонун ва беш аз 20 санади меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардид, ки асосҳои ташкилию ҳуқуқии самтҳои гуногуни муқовимат бо коррупсияро муқаррар ва танзим менамоянд. Муҳимтарини онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (с.2005), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва се санади барномавӣ - «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2012», «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошанд. Соли 2008 бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ниҳоде таъсис дода шуд, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини он рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии дорои хусусияти коррупсионист.

26-уми апрели соли 2013 зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намуда буданд: «Коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия таъсири манфӣ мерасонад». Дар Паёми хеш аз 24-уми апрели соли 2010 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намуданд: «Мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ низ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад».

Тадбирҳои андешидаи давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар муқовимат бо коррупсия ва ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ натиҷаҳои хуб ба бор овարданд. Гарчанде масъулини агентӣ дар шаш моҳ барои ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар вазорату идора ва ташкилоту муассисаҳо 822 вохӯрӣ гузаронида, 69 маротиба тавассути воситаҳои ахбори омма баромад карда, конференсия, машваратҳо ва нишастҳои матбуотӣ доир намудаанд, бо вуҷуди ин, ҳанӯз дар ин самт мушкилиҳо ҷой доранд.

Бархе аз беморон, ҳатто пас аз ташхиси бемориашон аз тарси талаби музди иловагӣ аз ҷониби баъзе аз духтурон аз табобат даст мекашанд. Падарони ҷавон пеш аз гирифтани тифли навзод аз таваллудхона ҳатман барои эҳтиёт маблағе ба ҷайб меандозанд.

Чӣ бояд кард, то ин ки кишвари мо рушду равнақи бештар дошта бошад?

Дар қисмати ҷанубу шарқи Осиё Сингапур - мамлакати хурде вуҷуд дорад, ки рушду тараққиёти он дар як давраи кӯтоҳи таърих ҷаҳониёнро ба ҳайрат овардааст. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи ин давлат дар самти мубориза бо амалҳои коррупсионӣ метавонад барои аксар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон манфиат оварад.

Таҷрибаи Сингапур дар самти мубориза бо коррупсия чӣ гуна аст? Дар ин мамлакат пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (с.1965) таҳти сарварии собиқ Сарвазири он Ли Куан Ю, ки ташаббускор, амаликунандаи ислоҳот ва муборизи асосии зиддикоррупсия буд, дар шароити басо махфӣ барномаи махсуси зиддикоррупсионӣ амалӣ гардид. Дар чаҳорчӯбаи барнома Бюрои тафтишоти амалҳои коррупсионӣ таъсис ва тӯли қариб дувуним сол дар бораи мансабдорони баландпояи давлатӣ маълумот ҷамъ оварда, мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дода шуданд. Пас аз анҷоми омӯзиш афродеро, ки дар ҷиноятҳои коррупсионӣ даст доштанашон ошкор гардид, сарфи назар аз мансабу мақом, мукофоту хизматҳо аз кор озод намуданд.

Аз паси ҳар як хизматчии давлатӣ тавассути агентиҳои мустақил назорати доимии аудиовизуалӣ ҷорӣ гардид. Гарчанд ин ҳолат нақзи ҳуқуқи инсон ва дахолат ба ҳаёти шахсии ӯст. Ба чунин эрод сингапуриҳо чунин ҷавоб медоданд: «Агар хоҳӣ, ки ҳаёти шахсиат аз дигарон пинҳон монад, ба хизмати давлатӣ нарав!» Имрӯз низ чунин рӯҳия боқист.

Ҳама гуна маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ (ба ҷуз хадамоти махсус ва иктишоф) барои тамоми ҷомеа дастрас гардида, музди маоши хизматчиёни давлатӣ хеле баланд бардошта шуд.

Тафтиши амалҳои коррупсионӣ ба таври авторитарӣ сурат мегирифт. Бюрои тафтиш ҳуқуқ дошт, сарфи назар аз мақому мансаб ва унвонҳои шахс ӯро боздошт ва кофтуков кунад, ҳисобҳои бонкиашро мавриди санҷиш қарор диҳад.

Баробарии ҳама дар назди қонун таъмин карда мешуд. Барои гирифтани ҳатто як доллар ришва хизматчии давлатӣ ба таври хеле сахт муҷозот мешуд. Дар натиҷа, даҳҳо вазирону сарварони ширкатҳои бузурги давлатӣ, ки дар амалҳои коррупсионӣ гунаҳгор шудаанд, аз озодӣ маҳрум гардиданд. Имрӯз ҳам ин усули корбарӣ идома дошта, масъалаи мубориза бар зидди коррупсия ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат табдил ёфтааст.

Санади мазкур, пеш аз ҳама, такмили механизмҳои ташкилӣ - ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия ва баланд бардоштани самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсиониро тақозо дошта, истифода аз таҷрибаи кишвари Сингапур низ зарур дониста шудааст. Иҷрои талаботи стратегия ба он мусоидат кард, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар раддабандии Ташкилоти ғайридавлатии «Transparency International» дар масъалаи амалӣ намудани тадбирҳо барои самаранокии мубориза бар зидди коррупсия дар байни се сол (2018-2020) 12 зина боло рафтааст.

Усулҳои сингапурӣ имкон медиҳанд, ки рафъи ҳодисаҳои қонунвайронкунӣ дар асоси амалҳои воқеии сектори шахсӣ ва мақомоти давлатӣ дар соҳаҳои молия ва иқтисодиёт, ҷорӣ намудани стандартҳо дар самтҳои мазкур баррасӣ гардида, бо истифода аз таҷрибаи Сингапур дар Мактаби сиёсати давлатии ба номи Ли Куан Ю дар дилхоҳ кишвар курсҳои омодагии махсус, курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат барои хизматчиёни давлатӣ ташкил карда шаванд.

Меандешем, ки омӯзиши таҷрибаи Сингапур дар ин самт барои кишвари мо низ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

Китоби нав

**Водии Вахш (дар ҳудуди вилояти Хатлон) яке аз минтақаҳои пурфайзу баракат ба ҳисоб меравад. Ин макон бо заҳмати зиёд зархезу шукуфон гардид. Барҳақ он ҷо, ки об фаровон аст, ободу сарсабз ва неъматҳо фаровонанд.**

# ЭҲЁИ ВОДИИ ЛАБТАШНА

Дар замонҳои қадим сокинони водӣ бо қувваи дасту бозуи худ барои обёрӣ ва истифодаи заминҳои бекорхобида аз ҷойҳои мувофиқи дарёи Вахш каналҳо кофта, тавассути шабакаҳои обёрӣ киштзорҳоро васеъ карданд. Дар миёни иншооти обии Вахши қадим аз каналҳои Ҷӯйбор, Кофир ва Балдай ёдовар мешаванд. Бо мурури замон ин каналҳо қариб, ки аз байн рафтанд. Замони шӯравӣ, солҳои сиюми қарни бист, ба эҳёи водии Вахш аз нав таваҷҷуҳ зоҳир шуд ва корҳои бунёди иншооти обӣ оғоз ёфтанд.

Ин нуктаҳо дар китоби ба тозагӣ нашршудаи «Эҳёи водии лабташна», ки муаллифи он журналисти варзида, собиқ корманди рӯзномаи «Садои мардум» Аъзам Мӯсоев мебошад, ҷой доранд. Дар он роҷеъ ба таърихи қадим ва эҳёи водии зархези Вахш, заҳмати бунёдкорони ин иншооти муҳим маълумоти фаровон ҷамъоварӣ шудааст.

Барои ҷалби хонандагон ба ин мавзӯъ ва муаррифии китоби мазкур, ки хеле ҷолибу аҳамиятнок аст, баъзе маълумоти онро пешкаш мекунем: «Давраи инкишоф ва рушди соҳаҳои гуногун, зиндагии мардуми водӣ, аз ҷумла сохтмону истифодаи иншооти ирригатсионӣ, ба аҳди Кӯшониён рост меояд. Ин шабакаҳои муҳими обёрии водии Вахш, ки асрҳо фаъолият доштанд, батадриҷ рӯ ба харобӣ меоварданд. Охири асри XII - ибтидои асри XIII канали Кофир аз фаъолият мемонад. Дар ин давра майдонҳои кишт дар қисми шимол ва ғарбии водӣ, ки аз канали Ҷӯйбор об мегирифтанд, ба таври назаррас кам гаштанд. Аз асрҳои XIII-XIV иқтидори обёрии канали Ҷӯйбор низ ниҳоят кам шуда, танҳо имкони бо об таъмин намудани қисми шимолии водиро дошт. Сабабҳои рӯ ба харобӣ овардани шабакаҳои ирригатсионии давраи асримиёнагии водии Вахшро муҳаққиқон бо якчанд омилҳо марбут медонанд...».

Дар китоб қайд шудааст, ки замони шӯравӣ, аниқтараш дар доираи панҷсолаи якуми тараққиёти хоҷагии халқи ИҶШС (солҳои 1928-1933), азхудкунии заминҳои нав, бунёди корхонаҳои азими саноати вазнин ва ғайра ба нақша гирифта, марҳила ба марҳила амалӣ шуданд. Бунёди низоми ирригатсионии Вахш низ қатори 150 иншооти муҳими ИҶШС сохтмони зарбдори умумииттифоқӣ эълон шуда буд. Пас аз се сол канали магистралии Вахш ба номи Сталин ба анҷом расид ва 12-уми сентябри соли 1933 оби дарёи Вахш ба он ҷорӣ гардид.

Муаллиф дар китоб корнамоиҳои сокинони минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва намояндагони халқҳои дигари шӯравиро дар эҳё ва шукуфонии водии Вахш воқеъбинона, бо далелҳои мушаххас ва содаю ҷолиб ба қалам додааст.

Китоби «Эҳёи водии лабташна» ба муносибати 90-солагии ба кор андохтани системаи обёрии Вахш таҳия ва ба нашр расидааст.




**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»- ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

ОБУНА - 2024

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 196 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238- 53- 71, 238- 53- 49, 238- 54- 57.*

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд:

**Дастгоҳи марказӣ, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:**

1. Муовини сардори раёсат – сардори шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомоти Раёсати ташкил ва назорати иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷро, маоши мансабӣ – 2697,8 сомонӣ;
2. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
3. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Ваҳдат, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
4. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Турсунзода, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
5. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Роғун, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
6. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Рӯдакӣ, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
7. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Шаҳринав, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
8. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Файзобод, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
9. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Тоҷикобод, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
10. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Лахш, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ.

**Раёсати иҷро дар ВМКБ:**

11. Мутахассиси пешбари раёсат, маоши мансабӣ – 1286,56 сомонӣ;
12. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Хоруғ, маоши мансабӣ – 1361,2 сомонӣ;
13. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар Суди иқтисодии ВМКБ, маоши мансабӣ – 1062,2 сомонӣ;
14. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Дарвоз, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
15. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Рӯшон, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
16. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Мурғоб, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ.

**Раёсати иҷро дар вилояти Суғд:**

17. Мудири бахши молия ва иқтисод, маоши мансабӣ – 1735,85 сомонӣ;
18. Мутахассиси бахши молия ва иқтисод, маоши мансабӣ – 1062,4 сомонӣ;
19. Мутахассиси раёсат, маоши мансабӣ – 1062,4 сомонӣ;
20. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Конибодом, маоши мансабӣ –1361,2 сомонӣ;
21. Иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Панҷакент, маоши мансабӣ –1361,2 сомонӣ;
22. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Хуҷанд, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
23. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Исфара, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
24. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Конибодом, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
25. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Панҷакент, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
26. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, маоши мансабӣ – 1062,4 сомонӣ;
27. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ашт, маоши мансабӣ – 1062,4 сомонӣ;
28. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Айнӣ, маоши мансабӣ – 1062,4 сомонӣ.

**Раёсати иҷро дар вилояти Хатлон:**

29. Мутахассиси пешбари раёсат, маоши мансабӣ – 1369,5 сомонӣ;
30. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Бохтар, маоши мансабӣ –1112,2 сомонӣ;
31. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Кӯлоб, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ;
32. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Муъминобод, маоши мансабӣ –1112,2 сомонӣ;
33. Иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Ховалинг, маоши мансабӣ – 1112,2 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- расми 4х6 – 2 дона, 9х12 – 1 дона;
- тарҷумаи ҳол (дастнавис ва чопӣ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи диплом бо замимааш;
- маълумотномаи тиббӣ оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ аз мақомоти андоз;
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;
- маълумотнома дар бораи ҳайати оила;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
- рақами ягонаи суғуртавӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ;
- хислатнома;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад).

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби муовини сардори раёсат:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- ду сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеъон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мудири бахши молия ва иқтисод:**

- таҳсилоти олии иқтисодӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- се сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеъон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер;
- дигар талаботҳои тахассусӣ, бо назардошти хусусиятҳои соҳа дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳатмӣ мебошад.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби иҷрочии калони мақомоти иҷро:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- ду сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеъон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбар ва иҷрочии мақомоти иҷро:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- як сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассис:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси бахши молия ва иқтисод:**

- таҳсилоти олии иқтисодӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:**

Ҳуҷҷатҳо аз тарафи комиссияи қабул дар нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 8 (бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ошёнаи 3-юм) дар давоми 21 рӯз аз рӯзи нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун қабул карда мешавад.

**Телефон барои тамос:** 228-98-36.

**ЭЗОҲ:** иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ ҳар моҳ ба андозаи муқаррargardида пардохт карда мешавад.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418706 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар бино ва ҳудуди маҷмааи Боғи «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.11.2023 17:00:00 |
| 2 | 418708 | Беморхонаи физиотерапевтии вилоятии «Ғӯлакандоз»-и вилояти Суғд | Тест, реактив, лавозимоти тиббӣ, маводи хоҷагидорӣ ва сантехникӣ, парда, камераи назоратӣ бо маҷмӯъ, дарзмоли барқӣ ва партовгирак (урна) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 01.12.2023 08:41:25 |
| 3 | 418709 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Кӯдакистони №4 ба номи «Афсона»-и шаҳри Бӯстон | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 01.12.2023 08:50:50 |
| 4 | 418707 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, барқӣ ва сантехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 125 | 01.12.2023 09:00:00 |
| 5 | 418710 | Раёсати таъминоти моддӣ - техникӣ ва низоми Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Зарфи ошхона, техникаи маишӣ, курсии идоравӣ, молҳои барқӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 01.12.2023 09:00:00 |
| 6 | 418711 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ -кӯдакистони №25» - и шаҳри Хуҷанд | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 51 | 01.12.2023 09:55:55 |
| 7 | 418712 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Гузаронидани хатти оби гарм ва таъмири деворҳои дохили бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.12.2023 10:10:00 |
| 8 | 418715 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Истеҳсол ва насби сарочаҳои намоишӣ дар ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.12.2023 14:05:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ КОНСУЛЬТАЦИОННЫЕ УСЛУГИ (ОТБОР ФИРМ)

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка (**Грант МАР №: D9780-TJ)** для реализации Проекта **«Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане»** и намерена использовать часть средств на «**Консультационные услуги по составлению цифровой карты зон/районов повышенного риска стихийных бедствий в Республике Таджикистан»**

Группа реализации проекта (ГРП) «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» при Комитете по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан (КЧС и ГО) приглашает правомочные консультационные компании с опытом работы для участия в конкурсном отборе для выполнения вышеуказанных услуг.

С техническим заданием на выполнение услуг можно ознакомиться по ссылке: **https://cloud.mail.ru/public/nPE3/79uQCqBH9**

Предложения с выражением заинтересованности должны быть представлены в адрес группы реализации проекта (ГРП) в письменной форме на русском / английском языке (с копией) не позднее $17^{00}$ часов 21 ноября 2023 г. (лично, по почте, по факсу или по электронной почте).

Для включения в короткий список заинтересованные консультационные компании могут представить информацию о своей квалификации и опыте в предоставлении подобных услуг (брошюры, описание предыдущего опыта в оказании подобных услуг, наличие опытных специалистов с их резюме).

В этот же адрес можно обратиться для получения дополнительной информации в рабочие часы с 9-00 до $17^{00}$ с понедельника по пятницу.

**Адрес**: Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта (ГРП КЧС и ГО). Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Лохути - 26. Тел: (+992 37) 221-91-19, 223-13-11, мобильный 880-00-28-28. Эл.почта: najot@rs.tj

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиноснomai гумшудаи шаҳрвандии силсилаи А00794980, ки онро ШВКД дар ноҳияи Варзоб 7-уми феврали соли 2017 ба Расулова Шукрона Сулаймоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯӣ, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Давлатшозода Бобоҷони Хуршед додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи гумшудаи имтиҳонӣ, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Давлатшозода Бобоҷони Хуршед додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи №236490, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Илич (ҳоло Хуросон) соли 1989 ба Раҳмонова Мохбегим Баротовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома ва иқтибоси гумшудаи №0495388 барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 26-уми ноябри соли 2021 ба Бузургзода Фахриддин Ҳикматулло (РЯМ 0130196926) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшуда оиди ҳуқуқи моликият супоридани квартира бо силсилаи ДШ №1196987 таҳти феҳрасти №1Ш-237, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 19-уми феврали соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Бухоро, хонаи 34, блоки «Г», ҳуҷраи №52 ба Холов Холмаҳмад Ёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиноснomai гумшудаи техникӣ, ки онро КДФ «БММҒ»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро, хонаи 34, блоки «Г», ҳуҷраи №52 ба Холов Холмаҳмад Ёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти №8Д1-747, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло ноҳияи Сино)-и шаҳри Душанбе 20-уми октябри соли 1992 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фрунзе (ҳоло ноҳияи Сино), кӯчаи Ҷаббор Расулов, бинои 43/1, ҳуҷраи 29 ба Муҳамадиев Саттор Вазарович додааст, эътибор надорад.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муовини якуми сармуҳаррир Абдухолиқ МИРЗОЕВ

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 13 ноябри соли 2023, соати 16:10 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34485 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Абдулвоҳидова ва Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97